RSM Tajikistan
Business center "SOZIDANIE"
Ayni street 48, 4th floor
Dushanbe
734024
Tajikistan
T +992 (44) 6006370
rsm.tj

ООО "RSM ТОЧИКИСТОН"
Исх. № 10/25
„28" марта 2025г.

## ХУЛОСАИ АУДИТОРИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба Саҳмдорон ва Шӯрои нозирони Ҷамъияти Саҳҳомии Пӯшидаи ТАҲХ «Имон Интернешнл»:**

### Ақида

Мо ҳисоботи молиявии Ҷамъияти Саҳҳомии Пӯшидаи ТАҲХ « Имон Интернешнл» (минбаъд "Ташкилот"), ки ҳисоботи вазъи молиявиро дар санаи 31 декабри соли 2024, ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромади маҷмӯӣ, ҳисобот оид ба тағирот дар сармояи саҳҳомӣ ва ҳисобот дар бораи гардиши пули нақд барои соли он вақт, ки дар санаи нишондодашуда ба охир расидааст, ва инчунин ҳисоботи мазкур ошкоркунии принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва тавзеҳоти дигарро дар бар мегирад.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии замимашуда вазъияти молиявии Ташкилотро дар ҳама ҷанбаҳои назаррас дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2024, инчунин натиҷаҳои молиявии онро ва гардиши воситаҳои пулиро барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расидааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд «СБҲМ»), ба таври саҳеҳ инъикос менамояд.

### Асос барои ифодаи ақида

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит (минбаъд «СБА») ба анҷом расонидем. Ӯҳдадории мо мутобиқи стандартҳои мазкур поёнтар, дар фасли «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявии» дар хулосаи аудитории мо тавсиф карда мешаванд. Мо нисбат ба Ташкилот мустақил буда, мутобиқи кодекси Байналмилалии ахлоқии муҳосиботҳои касбӣ ва Шурои стандартҳои байналмилалии ахлоқии муҳосибҳо («Кодекс») ва талаботҳои ахлоқӣ, ки барои аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда аст, инчунин ӯҳдадориҳои дигари ахлоқии худро мутобиқи талаботҳои мазкур иҷро намудем. Ба хулосаи мо, он далелҳои аудиторие, ки аз тарафи мо ба даст оварда шудаанд, ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва дуруст мебошанд.

### Масъалаҳои асосии аудит

Масъалаҳои асосии аудит – ин масъалаҳое мебошанд, ки мутобиқи муҳокимаи касбии мо, барои аудити ҳисоботи молияви барои соли ҷорӣ бештар муҳиманд. Ин масъалаҳо дар ҳудуди аудити ҳисоботи молияви мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисоботи молияви баррасӣ гардида буд ва мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

| Масъалаҳои асосии аудит | Расмиётҳои аудиторӣ нисбати масъалаҳои асосии аудит |
|---|---|
| **Методологияи беқурбшавии сандуқи қарзӣ** | |
| Роҳбарияти Ташкилот захираҳоро нисбат ба воситаҳои молиявӣ дар асоси шартҳои шартномаҳои басташуда, арзёбии вазъи молиявии мизоҷон ва инчунин пешгӯии воридотиояндаи маблағҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои дар санаи ҳисоботӣ мавҷудбударо бо назардошти рӯйдодҳои пас аз санаи ҳисоботӣ ташкил мекунад. | Аз ҷониби мо расмиётҳои таснифи қарзҳо аз рӯи гурӯҳҳои хавф гузаронида шуданд, системаи назорати дохилӣ арзёбӣ карда шуд, қарзҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси интихобӣ бо назардошти ҳисобкунии захираҳо санҷида шуданд. |



RSM Tajikistan is a member of the RSM network and trades as RSM. RSM is the trading name used by the members of the RSM network. Each member of the RSM network is an independent accounting and consulting firm each of which practices in its own right. The RSM network is not itself a separate legal entity of any description in any jurisdiction.

RSM

| | |
|---|---|
| Ташаккули захира дар асоси инфиродӣ, дар асоси баҳодиҳии қобилияти пардохти қарзгиранда, бо назардошти таснифи ӯҳдадориҳои қарзгиранда ва амволи гарави ӯ сурат мегирад | Эзоҳ 16 «Қарзҳо ба мизоҷон» дорои маълумоти муфассал оид ба қарзҳо, бо назардошти ташаккули захира таҳти беқурбшавӣ. |
| **Пасандозҳои мизоҷон** | |
| Роҳбарияти Ташкилот пасандозҳоро аз шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ ҷалб мекунад. Пасандозҳо ҳам бо асъори миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ дар асоси шартномаҳои басташуда бо кредиторон дар асоси кӯтоҳмуддат бо тамдиди минбаъда ҷалб карда мешаванд.<br><br>Мо ба ин масъалаҳо бо сабаби тағйироти назарраси ин модда нисбат ба соли гузашта диққати махсус медиҳем. Дар санаи 31 декабри солҳои 2024 ва 2023 маблағи сандуқи амонатӣ 956,881 ҳазор сомонӣ ва 767,987 ҳазор сомониро ташкил дод. Сохтор ва нигоҳдории ҳар як амонат аз Ташкилот арзёбии созишномаҳои шартномавӣ ва таъсири онҳоро ба баҳисобгирии амонатҳо талаб мекунад | Аз ҷониби мо расмиётҳои зерин гузаронида шуданд:<br>- мо созишномаҳои басташударо барои арзёбӣ ва муайян кардани тартиби дурусти инъикоси созишнома тибқи талаботи СБҲМ баррасӣ ва таҳлил кардем;<br>- мо расмиётҳои санҷиши пурраги ва дақиқии ӯҳдадориҳои дар ҳисоботи молияви ва натиҷаҳо, аз ҷумла арзёбиро мутобиқи СБҲМ анҷом додем.<br><br>Аз ҷониби мо, расмиётҳои таҳлили шартномаҳо, омӯзиши системаи назорати дохилӣ оид ба ин пасандозҳо гузаронида шуданд, инчунин дар асоси интихобӣ тартиби ҳисобкунии пасандозҳо ва фоизҳо аз рӯи онҳо гузаронида шудааст.<br><br>Эзоҳ 24 «Пасандозҳои мизоҷон» маълумоти муфассалро оид ба қарзҳо дар бар мегирад |

**Масъулияти Роҳбарият ва шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ва барои ҳисоботи молияви ҷавобгӯ ҳастанд**
Роҳбарият барои таҳия ва ба таври саҳеҳ пешниҳод намудани ҳисоботи молияви зикргардида мутобиқи СБҲМ ва барои низоми назорати дохилӣ, ки онро Роҳбарият барои омода намудани ҳисоботи молияви зарур мешуморад, ки он таҳрифҳои назаррасро дар натиҷаи амалҳои беинсофона ва ё хатогиҳо дар бар надорад, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молияви, Роҳбарият барои баҳогузорӣ намудани қобилияти Ташкилот оид ба давом додани фаъолияти бефосилаи худ, барои ошкор намудани маълумот дар ҳолатҳои дахлдор, ки ба бефосилагӣ тааллуқ дорад ва барои тартиб додани ҳисобот дар асоси иҷозат оид ба фаъолияти бефосилагӣ масъул мебошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки Роҳбарият нияти барҳамдиҳии Ташкилот, қатъ намудани фаъолияти онро дошта бошад, ва ё вақте ки роҳи дигари воқеиро ғайр аз барҳамдиҳӣ ва ё қатънамоии фаъолият надошта бошад.

Шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, масъулиятро барои назорати таҳия намудани ҳисоботи молияви Ташкилот ба зимма мегиранд.

**Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молияви**
Ҳадафи мо аз он иборат аст, ки эътимоди оқилона ба даст орем, ки ҳисоботи молияви таҳрифҳои назаррасро дар натиҷаи амалҳои беинсофона ва ё хатогиҳо надорад ва дар нашри хулосаи аудиторӣ, ки ақидаҳои моро дар бар мегирад, иборат мебошад.

Боварии оқилона дараҷаи баланди эътимодро ифода мекунад, аммо кафолати он нест, ки аудити мутобиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит (минбаъд «СБА») гузаронидашуда ҳамеша метавонад таҳрифи назаррасиۥ мавҷударо ошкор намояд. Таҳрифҳо метавонанд натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо бошанд ва агар ба таври асоснок тахмин кардан мумкин бошад, ки онҳо дар алоҳидагӣ ва ё дар маҷмӯӣ метавонанд ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон дар асоси ин ҳисоботи молияви таъсир расонанд, муҳим ҳисобида мешаванд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи СБА гузаронида мешавад, мо ақидаҳои касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тули тамоми санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо корҳои зеринро иҷро менамоем:

RSM

- хавфҳои таҳрифи назарраси ҳисоботи молияви дар натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо муайян ва арзёбӣ менамоем; дар посух ба ин хавфҳо расмиётҳои аудиторӣ таҳия намуда ва иҷро менамоем; далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи амали беинсофона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои беинсофона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;

- фаҳмиши низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиётҳои аудиторӣ, ки ба ҳолатҳо мутобиқат менамояд, вале на бо мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Ташкилот, ба даст меорем;

- хусусияти дурусти сиёсати баҳисобгирии татбиқшаванда ва дурустии баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва ифшои дахлдори маълумотро аз ҷониби Роҳбарият омодашударо арзёбӣ менамоем;

- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи Роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии назаррас вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи назаррас дар қобилияти Ташкилот оид ба давом додани фаъолияти бефосилагӣ ба вуҷуд ояд, хулоса мебарорем. Агар мо дар мавҷуд будани номуайянии назаррас ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молияви ҷалб намоем, ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро такмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале рӯйдодҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Ташкилот қобилияти давом додани фаъолияти бефосилагии худро гум менамояд;

- арзёбии пешниҳоди ҳисоботи молиявии маҷмӯиро дар умум, сохторҳо ва таркиботи он, аз он ҷумла ифшои маълумот, инчунин он, ки оё ҳисоботи молияви амалиёт ва рӯйдодҳои дар асоси он мавҷудбударо чунон пешниҳод карда метавонад, ки пешниҳоди саҳеҳи он таъмин карда шавад, мегузаронем;
- далелҳои кофии аудитории марбут ба маълумоти молиявии ташкилотҳо ё фаъолиятҳои дохили Ташкилотро ба даст меорем, то дар бораи ҳисоботи молияви изҳори назар намоем. Мо барои роҳбарӣ, назорат ва гузаронидани аудити Ташкилот масъулем ҳастем. Мо комилан масъули ақидаи аудитории худ мемонем.

Мо ҳамкории мутақобилаи иттилоотиро бо шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ намуда, ба маълумоти онҳо, ғайр аз ҳама чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати аудити ба нақша гирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои назаррас оид ба натиҷаи аудит, аз он ҷумла, камбудиҳои назаррасӣ низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунии корпоративӣ изҳорот медиҳем, ки мо ҳамаи талаботҳои ахлоқии дахлдорро оид ба мустақилият риоя кардаем ва ин шахсонро огоҳ дар бораи ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳое сохтем, ки метавонанд асоснок ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ чораҳои эҳтиётии дахлдорро ба иттиллои онҳо расонидем.

Аз он масъалаҳое, ки мо ба шахсони масъули идоракунии корпоративӣ расонидем, мо масъалаҳоеро муайян мекунем, ки барои аудити ҳисоботи молияви дар давраи ҷорӣ аз ҳама муҳим буданд ва аз ин рӯ масъалаҳои асосии аудит мебошанд. Мо ин саволҳоро дар хулосаи аудитории худ тавсиф мекунем, ба истисноии ҳолатҳое, ки ифшои оммавӣ дар бораи ин масъалаҳо тибқи қонун ё санади меъёрӣ манъ карда шудааст, ё дар ҳолатҳои хеле камёб мо ба хулосае меоем, ки маълумот дар бораи ягон масъала набояд дар хулосаи мо гузориш дода шавад, зеро бо далел метавон тахмин кард, ки оқибатҳои манфии паёми чунин иттилоот аз фоидаи пурмазмуни ҷамъиятӣ он аз паём зиёдтар хоҳад буд.

RSM

Ҳамроҳбари аудит, ки аз руи натиҷаҳои он хулосаи аудитории аудитори мустақили мазкур нашр шудааст, Мафтун Баратов ба ҳисоб меравад.

Бахрулло Муллоев
Ҳамроҳбари Идоракунанда – ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»

Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон
БМТ № 0000134 аз 29 декабри соли 2020

Мафтун Баратов
Ҳамроҳбари Аудит – ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»

Шаҳодатномаи мутахассиси аудити бонк
БМТ № 0000057 аз 30 декабри соли 2015

28 марти соли 2025

## ҶСП ТАҚХ “ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ”

### ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 БА ОХИР РАСИД

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ бо усули фоизи самаранок ҳисоб карда мешавад | 4 | 511,363 | 403,524 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 4 | (275,484) | (200,970) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО БАРОИ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОЕ, КИ АЗ РӮИ ОНҲО ФОИЗҲО ҲИСОБ КАРДА МЕШАВАНД | | 235,879 | 202,554 |
| Баркарор / (ташаккули) захира барои беқурбшавии дороиҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд | 16 | 1,011 | (1,949) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ | | 236,890 | 200,605 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 5 | 6,232 | 6,033 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 5 | (9,111) | (8,513) |
| (Зарари) соф рӯи амалиётҳо бо воситаҳои молиявӣ | 6 | (3,450) | (2,937) |
| Даромад соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | 6,977 | 2,237 |
| (Ташаккули) / баркарор захира оид ба беқурбшавии дигар дороиҳо | 8 | (267) | 574 |
| Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ, холис | 9 | 1,509 | 1,589 |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ | | 1,890 | (1,017) |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 10 | (178,897) | (161,926) |
| ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | 59,883 | 37,662 |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 11 | (15,864) | (14,430) |
| ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ | | 44,019 | 23,232 |
| Дигар даромади муштарак: | 18 | - | 35,679 |
| ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ МУШТАРАК | | 44,019 | 58,911 |

**Аз номи роҳбарияти Ташкилот:**

**Палка Андрей**
**Раиси Раёсат**

28 марти соли 2025
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Хайруллоев Фирдавс**
**Директори молиявӣ**

28 марти соли 2025
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-67 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.

## ҶСП ТАҚХ “ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ”

### ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
### БА ҲОЛАТИ 31, ДЕКАБРИ СОЛИ 2024
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2024 | 31 декабри соли 2023 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 12 | 161,105 | 112,129 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 13 | 23,126 | 41,218 |
| Воситаҳои барои истифода маҳдуд | 14 | 80,695 | 75,618 |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 16 | 1,890,560 | 1,499,412 |
| Қоғазҳои қиматноки сармоягузорӣ | 17 | 416 | 416 |
| Воситаҳои асосӣ | 18 | 61,202 | 61,941 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 19 | 23,475 | 27,257 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 20 | 18,913 | 14,072 |
| Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд | 21 | 1,570 | 1,213 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 11 | - | 1,633 |
| Дороиҳои дигар | 22 | 20,976 | 20,625 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 2,282,038 | 1,855,534 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| ӮҲДАДОРИҲО | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 23 | 32,914 | 20,578 |
| Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд | 15 | 1,318 | 1,407 |
| Амонатҳои мизоҷон | 24 | 955,898 | 767,987 |
| Маблағҳои қарзӣ | 25 | 899,207 | 725,844 |
| Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 20 | 22,678 | 17,417 |
| Ӯҳдадориҳо андозии мавқуфгузошташуда | 11 | 2,272 | - |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 26 | 18,936 | 12,073 |
| | | 1,933,223 | 1,545,306 |
| САРМОЯ | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 27 | 111,111 | 111,111 |
| Сармояи барилова пардохтшуда | | 6,255 | 6,255 |
| Захираҳои умумӣ | | 132,845 | 132,845 |
| Азнавбаходихии фондхои асоси | 18 | 33,215 | 35,679 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 65,389 | 24,338 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДАРИҲО ВА САРМОЯ | | 348,815 | 310,228 |
| | | 2,282,038 | 1,855,534 |

**Аз номи роҳбарияти Ташкилот:**

| | |
|---|---|
| **Палка Андрей** | **Хайруллоев Фирдавс** |
| **Раиси Раёсат** | **Директори молиявӣ** |
| 28 марти соли 2025 | 28 марти соли 2025 |
| ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон |

ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-67 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудитории мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.

## ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

### ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЪИРЁБИИ САРМОЯ
### БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 БА ОХИР РАСИД
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Сармояи оинномавӣ | Сармояи барилова пардохтшуда | Захираҳои умумӣ | Азнавбаҳодиҳии фондҳои асоси | Фоидаи тақсимнашуда | Сармояи умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бақия ба 31 декабри с. 2022 | 27 | 111,111 | 6,255 | 101,842 | - | 32,109 | 251,317 |
| Дивидендҳо | 27 | | | | | | |
| Тағйиротҳо дар захираҳои умумӣ | | | | 31,003 | - | (31,003) | - |
| **Ҳамагӣ амалиётҳо бо соҳибмулкон** | | - | | 31,003 | - | (31,003) | - |
| Фоида дар давоми сол | | - | - | - | - | 23,232 | 23,232 |
| Дигар даромади муштарак (азнавбаҳодиҳии биноҳо) | | - | - | - | 35,679 | - | 35,679 |
| Ҳамагӣ даромади муштарак | | - | - | - | 35,679 | 23,232 | 58,911 |
| Бақия ба 31 декабри с. 2023 | | 111,111 | 6,255 | 132,845 | 35,679 | 24,338 | 310,228 |
| Дивидендҳо | 27 | - | - | - | - | (5,432) | (5,432) |
| Тағйиротҳо дар захираҳои умумӣ ва азнавбаҳодиҳии биноҳо | | - | - | - | (2,464) | 2,464 | - |
| **Ҳамагӣ амалиётҳо бо соҳибмулкон** | | - | - | - | (2,464) | (2,968) | (5,432) |
| Фоида дар давоми сол | | | | | | 44,019 | 44,019 |
| Бақия ба 31 декабри с. 2024 | 27 | 111,111 | 6,255 | 132,845 | 33,215 | 65,389 | 348,815 |

**Аз номи роҳбарияти Ташкилот:**

**Палка Андрей**
**Раиси Раёсат**

28 марти соли 2025
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Хайруллоев Фирдавс**
**Директори молиявӣ**

28 марти соли 2025
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-67 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.